*ББК 81.Т-3*
*УДК 4 (Тад)*

*Х. Ш. КАБИРОВ*

# ТОПОНИМҲОИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР ҲАВЗАИ ШИНҶОНИ ЧИН

Қобили зикр аст, ки чун дигар забонҳои ҷаҳон як қисмати муайяни таркиби луғавии забони сарикӯлиро низ ономастика ташкил медиҳад. Омӯзишу таҳқиқи номҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо), номҳои одамон (антропонимҳо), номҳои ҷирмҳои кайҳонӣ (астронимҳо) ва ғ. на танҳо аҳамияти забоншиносӣ ва ё соҳаи илми марбута доранд, балки пажӯҳиши онҳо аҳамияти калони таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҳар як халқро доро мебошанд.

Бесабаб Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар баромадашон аз 6 октябри соли 2012 ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ дар иртибот ба ин мавзӯъ чунин таъкид накардаанд: «Яке аз масъалаҳои муҳим барои таърихи миллат ин гирдоварӣ ва омӯзишу таҳқиқи дақиқи номҳои ҷуғрофӣ мебошад. Номҳои ҷуғрофии минтақа ба таъриху сарнавишти миллат иртибот дошта, таърихи рушду такомули забони моро инъикос менамоянд. Номҳои ҷуғрофии ҳар мавзеъ ва ҳар минтақа арзишмандтарин сарвати таърих ва мероси миллии ин сарзамин дониста мешаванд. Ин номҳо таърихи зиндаи миллат буда, бештари онҳо аз гузаштаи дур маншаъ мегиранд. Яке аз хусусиятҳои ин номҳо дар он аст, ки онҳо ба давраҳои гуногун ва забонҳои маҳаллии ин сарзамин мансуб мебошанд. Аммо, мутаассифона, теъдоде аз ин номҳо дар тӯли таърих ба номҳои бегона иваз карда шудаанд, ки имрӯз аз рӯйи адолату ҳақиқати таърих бояд эҳёи тоза ёбанд» (8). Дар иртибот ба ин масъала номҳои ҷуғрофӣ, яъне ойконимҳо (юнонӣ: aikos– хонаву ҷой ва onuma– ном), ки як шохаи топонимҳоро (юнонӣ: topos– ҷой ва onuma– ном) ташкил медиҳанд, дар муайян ва муқаррар намудани ҳадду ҳудуди сукунат ва харитаи этникии халқу миллатҳо маводи боэътимод шуда метавонанд. Пеш аз он ки оид ба номҳои ҷуғрофии мавриди назар дар ҳудуди Туркистони Шарқӣ ё худ Бухорои Хурд, алҳол ноҳияи худмухтори Синсзяну Уйғури (НХСУ) Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) таваққуф намоем, лозим аст, ки оид ба таъриху сабабҳои пайдоиши номҳои ҷуғрофии эрониасл дар ин минтақа мухтасаран маълумот диҳем.

Олимоне, ки ба омӯзишу тадқиқи таъриху фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ машғул шудаанд, Туркистони Шарқӣ, яъне Бухорои Хурдро яке аз гаҳвораҳои тамаддуни мардуми эрониасл меҳисобанд ва онро барҳақ ба ҳудуди этникии халқи тоҷик шомил мекунанд (3;4;5;6;7;9;10) ва ҳатто зикр мекунанд, ки қабилаҳои эрониасл то доманакӯҳҳои Тибетро макони зист қарор дода буданд ва ин минтақаи паҳншавии қавмҳои ориёӣ Скифияи бузург номида мешуд. Воқеан, дар марзҳои паҳновар ва биёбонҳои нопайдоканори ин минтақа ҳанӯз қабл аз солшумории мелодӣ мардуми ориёӣ мезист ва ин нуктаро академик Б. Ғафуров низ таъкид мекунад: «Дар замонҳои қадим маҳалли паҳншавии

забонҳо ва тоифаҳои эронӣ назар ба асрҳои миёна ва давраи нав хеле васеътар буд. Вай сарзамини паҳновареро аз Европаи Ҷануби Шарқӣ то Туркистони Шарқӣ ва аз назди Урал то ҷануби Эрон фаро мегирифт» [3, с. 50].

Тибқи шаҳодати сарчашмаҳои фаровони таърихӣ ва мадракҳои бостоншиносӣ ҳанӯз дар аҳди биринҷӣ дар ҳудуди Туркистони Шарқӣ қабилаҳои ориёии сакоиву хутанӣ мезистанд. Оид ба вусъати ҳудуди паҳншавии қабилаҳои эронизабон муаррих Ҳ. Шарифов қайд мекунад, ки: «То аввали қарни II пеш аз мелод мардуми эронизабон аҳолии асосии Муғулистони Ғарбиву Марказиро низ ташкил медоданд. Аҷдоди худи туркону муғулони ҳозира он дам дар атрофи кӯли Байкал, Муғулистони Дохилӣ ва Манҷурияи Шимолӣ мезистанд» [11, с. 15]. Аз ҷониби дигар, дар асри дуюми пеш аз милод кушода шудани Роҳи бузурги абрешим, ки дар давраи қадим ва асрҳои миёна Чинро бо кишварҳои Осиёи Миёна ва Осиёи Наздик мепайваст, яке аз халқҳои ориёнажод – суғдҳо дар тиҷорат аз тариқи шоҳроҳи мазкур нақши асосиро дар дасти худ гирифта буданд [2, с. 46 ва 52]. Тоҷирони суғдӣ ҳанӯз дар қарни III то мелод Шоҳроҳи абрешимро соҳибӣ карда, то Чин расида буданд. Дар қад–қади ин шоҳроҳ корвонсарой, работу деҳу шаҳракҳои зиёде сохта, диаспораи онҳо ҳазорон нафарро ташкил медод. Чунончи, аввали асри IV мелодӣ танҳо дар шаҳри Дунхуан беш аз 1000 нафар суғдӣ зиндагӣ мекард. Ҳатто забони суғдӣ ҳамчун забони муошират на танҳо байни тоҷирону дипломатҳо, балки миёни мардуми бумии Туркистони Шарқӣ мустаъмал буд [11, с. 27].

Ин бунёдкориҳову нуфузи суғдиён, бешубҳа, боиси ба миён омадани силсилаи номҳои ҷуғрофӣ–топонимҳо гардид. Баъдан, тӯфони даҳшатноки ҳуҷуми муғул ва қатлу ғорати гӯшношуниди эшон дар Осиёи Миёна ҳамватанони моро ба гӯшаҳои дурдасти Осиёи Марказӣ парешон намуд ва ҳатто соли 1248 дуртар аз Урумчӣ шаҳре бо номи Самарқанд ва деҳкадае ба ҳамин ном дар вилояти Кошғар аз ҳисоби ҳамватанони муҳоҷиршудаи мо бунёд гардида буданд [12, с.81]. Дар асрҳои охир бошад, бар асари ҳодисаҳои хунрез теъдоди зиёди дигари ҳаммиллатони мо барои наҷоти ҷони худу аҳли хонаводаашон аз Осиёи Миёна ба сӯйи Туркистони Шарқиву Ҳиндустон фирор карда бошанд, теъдоди дигарашон барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ ва таъмини рӯзгор ба Туркистони Шарқӣ пайваста тоҷирӣ менамуданд. Ин омилҳо низ дар зуҳури номвожаҳои ҷуғрофии эрониасл дар ин ҳавза беасар намонд. Лекин, тавре ки осори фаровони таърихиву илмӣ шаҳодат медиҳанд, дар асари тохту тоз, фишору тазйиқ ва қатли бераҳмонаи қабилаҳои кӯчманчии туркнажод мардуми эронитабори Туркистони Шарқӣ ба сӯйи Мовароуннаҳру Хуросон рӯй меоварданд ва бад–ин сабаб тадриҷан ба парокандагӣ ва таназзулёбӣ мувоҷеҳ мешаванд.

Ин раванди фоҷиаборро муаррих Ҳ. Шарифов хеле одилона ба қалам додааст: «Ба касрати муҳоҷирати паёпай ва пурфоҷиа аҳолии тоҷики Кошғар сахт коҳиш ёфт ва оқибат ба нестӣ расид. Шамъи тоҷик танҳо дар баландкӯҳ–водии Сарикӯл ва баъзе мавзеоти атрофи Ёрканду Хутан фурӯзон монду халос» [11, с. 135].

Мусаллам аст, ки номҳо ҷузъи таърихи миллат ва баёнгари давраҳои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанги ҷомеа буда, вобаста ба омилҳои гуногун дар масири таърих ба вуҷуд омада ва, хусусан, номвожаҳои ҷуғрофӣ дар

мавриди муайян намудани таърихи сарнавишт ва ҳудуди этникии халқу қавмҳо нақши бориз доранд. Дар номвожаҳои ҷуғрофии ҳавзаи Шинҷони ҶМЧ як силсила номвожаҳои ҷуғрофии ватани аҷдодии суғдиён – водии Зарафшон аз қабили Самарқанд, Ёрканд, Харашкат, Чинанкат, Зарафшон (номи дарё), Кошғар (Кӯҳи яшм), Артуч, Артучи Кошғар, Кичик Артуч ва ғ. ба мушоҳида расид, ки ҳар яке аз таърихи хеле дури ниёгони мо дарак медиҳад.

Топоформант ё худ анҷомаи топонимсози **kat**, ки дар шаклҳои: **kand, kant, kent, qand, kata, kada** дар таркиби садҳо топонимҳо ба назар мерасад, унсури хеле қадимаи эронӣ буда, дар забони суғдӣ ба шакли **kat** роиҷ ва дар топонимҳои Самарқанд, Ёрканд, Харашкат (xvaraš + kat, яъне мавзеъ, шаҳри офтобрӯя), Чинанкат (шаҳри чинӣ)-и ҳавзаи Шинҷон дучор омад.

Оид ба топоними Артуч, ки ҳоло деҳае дар ноҳияи Панҷакент бо ин ном вуҷуд дорад, метавон гуфт, ки замоне суғдиён ин номро ба Чин бурдаанд ва дар Артучи назди Кошғар аввалин масҷиди мусулмонӣ сохтанд. Оид ба эъмори ин масҷид маълумотҳо гуногун бошад ҳам, лекин ғолиб ин аст, ки он самараи ҳиллаи оқилонаи тоҷик мебошад. Як нафар тоҷик бо номи Наср ибни Мансур (ваф. 961) аз хавфи бародари худ гурехта, дар дарбори ҳокими Кошғар–Ӯғулчаки Қадархон паноҳ мебарад. Бар асари дилёбӣ Насрро Ӯғулчак ҳокими Артуч таъин мекунад. Баъдан Наср аз Ӯғулчак хоҳиш мекунад, ки барои ӯ ба андозаи як пӯсти гов замин ҷудо намояд, то масҷид бисозад. Ӯғулчак розӣ мешавад ва Наср говро кушта, пӯсти онро тасма-тасма ва мувофиқи он замин ҷудо менамояд ва масҷидро месозад. Вақте ки Ӯғулчак аз ин амали тоҷик огоҳ мегардад, ба ақли ӯ қоил мешавад (12, с. 78).

Бояд зикр намуд, ки аз силсилаи номвожаҳои ҷуғрофии ин ҳавза таваҷҷӯҳи моро номвожаи «Шинҷон» ба худ ҷалб намуд, зеро гарчи ин номвожа дар ин минтақа хеле маъмулу роиҷ бошад ҳам, аммо дар ин шакл дар ягон сарчашма ва ё фарҳангнома ба назари мо нарасид. Номвожаи Шинҷон, ки дар шакли Синҷон ва Шинҷок низ ба назар мерасад, дар ҷое ба мушоҳида нарасид, ки чӣ маъно дорад ва аз куҷо ба ин сарзамин роҳ ёфтааст? Аввалан, мо барои решаи таърихии ин номвожаро пайдо кардан ба сарзамини аҷдодии суғдиён, яъне водии Зарафшон рӯ овардем ва дарёфтем, ки дар ноҳияи Панҷакент деҳае ба номи Шинг вуҷуд дорад. Илова бар ин вожаи *шанг// шинг* дар сохтори калимаҳое, мисли Ҳушанг// Ҳушинг низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Тибқи устураҳои ориёӣ, давраи тӯфонҳову сармоҳои шадид, ки мардумон дар ғорҳо зиндагӣ карда ва ба мушкилоти сахт рӯ ба рӯ буданд, зарурати сохтани манзилу хонаҳоро ба миён овард ва ин давраи сохтмони макону манзил ва хонаҳоро давраи Ҳушанг ном ниҳоданд. Чаро? Зеро ки вожаи **ҳушанг** дар забони авестоӣ haoshyangh (Ҳушангҳ) хонда шуда, аз ду ҷузъ: hao ва shyangh иборат буда, «касе, ки манзили хуб фароҳам месозад»-ро ифода мекунад (9, с. 47). Дар фарҳангҳои этимологӣ (решаёбӣ) низ вожаи *шанг (шинг)* хона, манзил маънидод шудааст.Вожаи мазкур дар таркиби калимаи «қашанг» (gašang) низ, ки маънои зебову хушгилро ифода мекунад ва дар забони форсии Эрон хеле роиҷ аст, ба назар мерасад. Забоншиноси мумтоз Д. Саймиддинов барҳақ менигорад, ки: «Бунёди ин вожаи туркишуда (яъне қашанг–К.Х.) дар осори суғдӣ дар чандин шакли навишт омадааст: xšng-, xšnk, γštk ба маънои «зебо,

бошукӯҳ, қашанг»… (9, с.48). Дар «Фарҳанги Рашидӣ» аз вожаҳои Шинг ва Шангон ба маъниҳои мутаносибан «деҳе аст аз музофоти Самарқанд» ва «номи вилояте аст» ёд шудааст (1, с. 956-957).

Вожаи šang ба маънои «зебо, некӯ» бидуни шубҳа, идомаи суғдии xšng-, xšnk, γštk хоҳад аст. Дар форсии нав šang аз роҳи табдили xš – дар оғози вожа ба š– пайдо шуда, аммо шакли gašang (бо q) дар туркӣ аз роҳи табдили x, γ ба q аз суғдӣ ва ё лаҳҷаҳои суғдӣ ворид гардидааст» (8, с. 47).

Ҷойи тазаккур аст, ки вожаи (ҳоло пасванд) <u>*шан*</u> шакли тахфифёфтаи *шанг (шинг)* мебошад: гулшан-хонаи гул. Ва ин вожа дар шакли *шон*(шони занбури асал), ошёна ба маънии хона мустаъмал мебошад.Дар забоншиносӣ муайян шудааст, ки овози **š** ба **x** табдил мешавад ва ба ҳамин асос аз *гулшан* вожаи *гулхан* ҳосил шудааст, ки ҳар ду хонаи гул, гулхонаро ифода мекунанд. Баъдан вожаи ***гулхан*** маънои нав– оташдонро касб мекунад.

Тавре ки маълум аст, **hy** пешвандест, ки хуб, некро ифода намуда, бо исмҳо омада, сифат месозад. Чунончи, hučašm-некчашм, huxzad-некхирад, huēbāz-хушовоз. Пас, *ҳушанг// ҳушинг* низ хонаи хуб, ҷой ва манзили хубро ифода карда ва ҳамчун исми хос дар номи Ҳушанг боқӣ мондааст.

Аз самти ғарби шаҳраки Тошқурғон кӯҳҳои Стун (Сутун) ва Сари кӯҳ, ки Тошқурғон дар доманаи онҳо ҷой гирифтааст, қарор доранд. Ҷойи васлшавии ин ду кӯҳи ҳампаҳлу каме пастар шуда ва дарае ҳосил шудааст, ки мардум онро дараи Шингун (Шингон) меноманд ва оби ин дара хеле лазизу гуворо буда, дар байни мардум боиси пайдоиши мақоли: «Оби Шингон–атолаи Ёрканд» (атолаи Ёрканд ҳам бомазаву гуворост) шудааст.

Калимаи ***шинг*** инчунин ҷузъи топоними номи водӣ–Шингшол дар Покистон вуҷуд дошта, дар он ҷо низ вахониҳо зиндагӣ мекунанд. Ин вожаи куҳан - *шанг (шинг)* чаро имрӯз шакли *Шинҷ* (он)-ро гирифтааст? Аз воқеият дур нест, ки чун қадами аъроб бо ҳамшарикони мусулмоншудаи осиёимиёнагии худ ба Туркистони Шарқӣ расид ва иҷборан мусулмонкунии мардуми ин минтақа сурат гирифт, мисли садҳо калимаҳои муаррабшудаи асили ориёӣ, чун гавҳар-ҷавҳар, геҳон-ҷаҳон, сангу гил-сиҷил ва ғ. калимаи *шинг* низ дар доираи ҳамин ҳодисаи муаррабшавӣ (табдили g ба j) ба *шинҷ* мубаддал шудааст ва пасванди – *он* бошад, пасванди маълуми шумораи ҷамъсозу макинсозест, ки аз Шинҷ Шинҷ(он) –ро сохтааст(мисли Хатлон, Ҷузҷон, Шуғнон ва ғ.). Шинҷон дар шакли Синҷон низ ба мушоҳида мерасад ва аз эҳтимол дур нест, ки аз лиҳози суҳулияти талаффуз барои чиниён Синҷон мувофиқ афтода бошад. Ҳамин тариқ, ин ҳавзаи бузурге, ки номи Шинҷонро гирифтааст, аз эҳтимол дур нест, ки суғдиҳо номи деҳаи Шинги воқеъ дар ноҳияи Панҷакент бударо ба он минтақа бурда ва он ҳавза ба номи Шингон (Шинҷон) мусаммо гардид.

***Пайнавишт:***

*1. ат-Татавӣ, Абдуррашид. Фарҳанги Рашидӣ. Ба таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ. – Теҳрон: Чопи рангин, 1337ҳ. – 1532 с.*

2. *Бўстонова Д.Д. Робитаҳои таърихии Тоҷикистон ва Чин (аз таърихи пайдоиши Роҳи бузурги абрешим) // Сухане чанд аз робитаҳои ду сарзамин тамаддунофар. – Душанбе: Эр-граф, 2012.–С. 46-64.*
3. *Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум.– Душанбе: Ирфон, 1998.–702 с.*
4. *Давыдов А.С. О восточных пределах этнической территории таджикского народа // Этнография в Таджикистане.– Душанбе: Дониш,1989. –С.186-201.*
5. *Қариб, Бадруззамон. Таваллуди забонҳои эронии миёнаи шаркӣ ва таҳаввули пажӯҳиш дар забонҳои эронии миёнаи ғарбӣ // Маҷмӯаи мақолоти нахустин ҳамоиши миллии эроншиносӣ. Забон ва забоншиносӣ.– Теҳрон: Интишороти бунёди эроншиносӣ, ҷилди дувум,1383 ҳ.–С. 25-54.*
6. *Литвинский Б.А. Исторические судьбы Восточного Туркестана и Средней Азии (проблемы этнокултурной общности) / Восточный Туркестан и Средняя Азия. История. Культура. Связи.–М.: Наука, 1984. –С.4-28.*
7. *Негматов Н.Н. Таджикский феномен: история и теория. –Душанбе: Оли Сомон, 1997.-406 с.*
8. *Раҳмон, Э. // Ҷумҳурият, 6 октябри 2012.*
9. *Саймиддинов Д. Пажӯхишҳои забоншиносӣ.– Душанбе:Шарқи озод, 2013.–270 с.*
10. *Ҷунайдӣ, Фаридун. Зиндагӣ ва муҳоҷирати ориёиён бар пояи гуфторҳои эронӣ. – Теҳрон: Гетӣ, чопи дувум,1374 ҳ.–215 с.*
11. *Шарифов Ҳ. Тоҷикони бурунмарзӣ. –Хуҷанд, 1996*
12. *Шарифов Ҳ. Яъқуббеки Бадавлат (тоҷики арҷманде дар тахти Кошғар). – М.: 4-й филиал Воениздата, 2001.–496с.*


### *Reference Literature:*


1. *at-Tatavi, Abdurashid. Dictionary. –Tehran: Publishing-house "Ranghin" (Colour), 1337 hijra. – 1592 pp.*
2. *Bustonova, D.D. Historic Relations betweenTajikistan and China. (from the history of the Upspringing of the Great Silk Road) (from the history of the relations between the two civilized states). – Dushanbe; Er-Graf, 2012, pp. 46-64.*
3. *Gafurov B. Tajiks. – Dushanbe: Irfon, 1998. – 702 pp,*
4. *Davydov A.S. On Eastern Frontiers of the Ethnical Territory of the Tajik People // Ethnography in Tajikistan. – Dushanbe: Knowledge, 1989. – pp. 186-201.*
5. *Karib, Badruzzamon. The Birth of Middle Persian Oriental Language and the Development of Researches in the Studies of Middle Persian Western Languages / Collection of articles of the first scientific conference on Iranian Linguistics. Language and Linguistics, 1383 hijra. – pp. 25-54.*
6. *Litvinsky B.A. Historic Fates of Eastern Turkestan and Middle Asia (problems of ethnocultural community) / Eastern Turkestan and Middle Asia. History. Culture. Ties. – M.: Science, 1984. – pp. 4-28.*
7. *Negmatov N.N. Tajik Phenomenon: History and Theory. – Dushanbe: Oli Somon,1997. –406 pp.*
8. *Rahmon, E. // Newspaper* ***Djumhuriyat,*** *6.10. 2012.*
9. *Saymiddinov D. Research of Linguistic. – Dushanbe: Freedom of the Orient, 2013. – 270 pp.*
10. *Djunaidi, Faridun. Life and Migration of Aryans on the Basis of Iranian Stories. – Tehran:Gheti, the 2-nd edition, 1374 hijra. – 215 pp.*
11. *Sharifov Kh. Tajiks from abroad. – Khujand, 1996.*

12. *Sharofov Kh. Rich Yakubbek (renowned Tajik on Kashgar throne). – M.: the 4-th filial of military publishing-house, 2004. – 496 pp.*

***Топонимы долины Зеравшана в Синьцзянском ареале Китая***

***Ключевые слова:*** *географические названия (топонимы), топоформант, Синьцзян, Самарканд, Хашакат, Кашгар, Артуч*

*В данной статье автор путем семантико-структурного и этимологического анализа нескольких согдийских географических названий (топонимов) Синьцзян-уйгурского автономного района Китайской Народной Республики определяет историческую территорию расселения ираноязычных племен в указанном регионе. Автор обосновывает, что многие старые географические названия имеют согдийское происхождение. В географическом словаре Синьцзяна содержится ряд топонимов, возникших в Зеравшанской долине: Самарканд, Еркандо, Харашкат, Чинанкат, Зеравшан, Кашгар, Артуч, Артучи Кашгар, Кичик Артуч. Топоформант, или топонимообразующий суффикс –kat и его варианты –kand, -kant, -kent, -kata, -kada, -gand, которые содержатся более чем в ста топонимах, имеют древнеиранские исторические корни и имеют в согдийском языке вариант kat.*

***Toponyms of the Zeravshan Valley in Xinjiang Area of China***

***Key words:*** *geographical names (toponyms), Xinjiang, Samarkand, Khashakat, Koshgar, Artuch*

*Resorting to semantico-structural and etimological analysis of several Sughdian geographical names (toponyms) of Tsintsyan-Uygur autonomous area of China the author determines a historic territory of habitation of the Iranian-speaking tribes in this region. He substantiates the Sughdian origin of many toponyms. In the geographical dictionary of Sin-Tsyan there are a number of toponyms which sprang up in the Zeravshan valley: Samarkand, Yerkand, Kharasshkat, Chinankat, Zeravshan, Kashgar, Artuch, Kashgar, Kichin Artuch. Topoformant or toponym-forming suffix **–kat** and its variants **–kand, -kant, -kent, -kata, -kada, - gand** contained in more than hundred toponyms has ancient Iranian historic roots and variant **-kat** in the Sughdian language.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Кабиров Хуршед Шаҳбозбекович,*** докторанти кафедраи забони муосири тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон *(Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе), e-mail: kabirovf@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Кабиров Хуршед Шахбозбекович,*** *докторант кафедры современного таджикского языка Таджикского национального университета (Республика Таджикистан, г. Душанбе), e-mail: kabirovf@mail.ru*

***Information about the author:***

***Kabirov Khurshed Shakhbozbekovich,*** *claimant for Dr.`s degree in philology of the department of modern Tajik language under the Tajik National University (Tajikistan, Dushanbe), e-mail: kabirovf@mail.ru*